## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвактӣ дар водии вахш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади Рахимов Шодмон Давлатович илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткорӣи умумӣ, растанипарварӣ.**

Пиёз яке аз зироатҳои муҳимми кишоварзӣ буда, дар хоҷагии халк аҳамияти калон дорад. Он ҳамчун маҳсулоти ғизоии ҳаррӯза дар таомҳои мардумӣ васеъ истифода мешавад ва манбаи муҳими витаминҳо (махсусан витамини С), намакҳои минералӣ ва моддаҳои фоиданок ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, пиёз ашёи хом барои саноати коркард низ мебошад: аз он маҳсулоти хушкшуда, хока ва консерваҳо тайёр мекунанд. Ҳамчунин пиёз дорои хосиятҳои зиддимикробӣ буда, дар тибби мардумӣ истифода мешавад. Пиёз дар таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди кишоварзӣ, беҳбудии саломатии аҳолӣ ва пешрафти иқтисоди хоҷагии халқ нақши муҳим дорад.

Аз тарафи Раҳимов Ш.Д. меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ ва таносуби байниҳамдигарии моддаҳои ғизоӣ барои парвариши ҳосили баланду хушсифати пиёзи бехии барвақтӣ дар хокҳои хокистарранги равшани водии Вахши вилояти Хатлон омӯхта шудааст.

Бори аввал аз тарафи муаллиф дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, дар хокҳои хокистарранги равшан нишондиҳандаҳои илман асоснокшудаи таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор ва реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи бехии зудпази «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳо муайян карда шуданд. Берункунии моддаҳои ғизоии воридшуда бо ҳосили биологии навъҳои пиёзи зудпази бехӣ «Пешпазак», «Алдоба» ва «Тунис» омӯхта шуд. Низоми коркарди истифодабарии меъёрҳои нуриҳои минералӣ дар давраҳои гуногуни нашъунамои растании пиёз барои парвариши ҳосили хушсифати бехпиёз мусоидат менамояд муайян карда шудааст.

Тадқиқотҳои Раҳимов Ш.Д. системаи коркардшудаи истифодаи нуриҳои минералӣ самаранокии баланди иқтисодии парвариши ин зироатро таъмин мекунад, пешниҳод кардааст. Дар натиҷа, меъёри нуриҳои минералии тавсияшаванда барои истифодаи мақсадноки дар майдони 11 га ҳосилнокии 55-60 т/га таъмин намудааст. Зери таъсири нуриҳои истифодашуда вазни миёнаи пиёзи бехӣ назар ба варианти назоратӣ то ба 38,4 г зиёд шуда, дар навъи пиёзи «Пешпазак»-и вариантҳои N180-240P90-120 ва K60-90 моддаи таъсиркунанда то 52,0-56,6т/га; дар навъи "Алдоба" то 46,6- 50,5 т/га ва дар навъи "Тунис" то 47,2-54,5 т/га афзудани ҳосилнокӣ меорад. Вазни миёнаи

пиёзи бехӣ дар варианти бе нурӣ ва истифодаи нуриҳои навъи “Пешпазак” то 42,4-80,8 г, навъи «Алдоба»- то 66,6-72,1 г ва навъи «Тунис» аз 32,6 то 67,4-77,8 г расид.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иктисодӣ, ки бо фоизи баромади ҳосили молӣ ифода меёбанд ва онҳо мувофиқи навъҳо аз 71,3 то 72,1% дар варианти бе нурӣ бошанд, дар вариантҳои истифодаи нурии минералӣ натиҷаи хубтарин - 90,2-94,0%-ро ташкил доданд. Даромаднокии истеҳсолии варианти N240P90K60 дар навъи «Пешпазак» ба 204,8%, «Алдоба» ба 178,3% ва «Тунис» ба 170,1% баробар шуд.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотии унвоҷӯ доир ба мавзӯъ дар 16 маводи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида мебошад.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзӯи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии вахш” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо” мувофиқ дониста, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - сабзавоткорӣ сазовор мешуморам.

Мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ),
дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси
06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

**Рашидов Н.Ҷ.**

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати иҷрои ДПДТТХ

**Юсупова М.Ш.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

11 / 12 / 2025с.